## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия бо ихтисоси илмӣ.** Рисолаи диссертатсионии Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод шудааст, аз рӯйи мавзуъ, мундариҷа ва самти таҳқиқшаванда бо тавсифи ихтисоси илмӣ пурра мувофиқат мекунад.

Тадқиқоти мазкур мавзуи мубрами фаъолияти ҳифзиҳуқуқии кишварро дар бар гирифта, ба ташкилии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ аз лиҳози баррасии масоили назариявӣ, асосҳои ҳуқуқии танзим, шакл ва усулҳои ба роҳ мондани ҳамкории байни ниҳодҳои зикршуда, омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ ва татбиқи он дар фаъолияти амалии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мукаммалгардонии санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ алоқаманд мебошад.

Дар рисола масъалаи ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар ва дигар субъектони ваколатдор дар соҳаи таъмини тартиботи ҷамъиятӣ низ баррасӣ гардидааст, ки алоқамандии онро мустақиман ба соҳаи фаннии

ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ нишон медиҳад.

Мундариҷаи рисолаи диссертатсионӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулоса ва тавсияҳои илмии таҳияшуда, пурра ба мавзуъ ва ҳадафҳои ихтисоси илмӣ мувофиқ буда, аз доираи он берун намераванд.

**2. Мубрамии мавзуи тадқиқот.** Мавзуи рисолаи диссертатсионӣ бо дарназардошти дар амал воқеӣ гардонидани чорабиниҳои барномавӣ ва дурнамои ислоҳоти низоми судӣ-ҳуқуқӣ, бахусус, ислоҳоти милитсия, ки айни замон дар ҷараёни татбиқнамоӣ қарор дорад ва ҳамчунин, бо мақсади тақвияти рукнҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушди ниҳодҳои он бахри иштирок дар ҳаёти ҳифзиҳуқуқии давлат, аз аҳаммияти илмӣ-таҳқиқотӣ холӣ набуда, аз мубрамии худ дарак медиҳад. Дар алоқамандӣ ба ин, бояд зикр намуд, ки дар тули солҳои ислоҳоти расмии милитсияи давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегия ва барномаҳои ислоҳотие қабул карда шудаанд, ки меъёрҳои дахлдорро дар самти тақвияти ҳамкории милитсия бо ҷомеа муайян ва самти мазкурро ҳамчун ҳадафи афзалиятноки ислоҳоти милитсия пешбинӣ намуданд.

Дар ҳақиқат дар сатҳи лозимӣ ба роҳ мондани самти ҳифзиҳуқуқии давлат ба дигар ҷанбаҳои фаъолияти ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ таъсири мақсаднок мерасонад ва таъмини он ба дӯши мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад. Дар иҷрои фаъолияти мазкур мақомоти корҳои дохилӣ дар байни дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нақши созгор дошта, яке аз самтҳои асосии фаъолияти онро таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ташкил менамояд. Таъмини ҳамаҷонибаи тартиботи ҷамъиятӣ аз ҷониби мақомоти мазкур ташаккул ва татбиқи доираи васеи тадбирҳои ба ҳам алоқаманд ва ҳамоҳангшудаи маъмурию ҳуқуқӣ, аз ҷумла, такмили ҳамкории мутақобила бо омма ва хусусан, иттиҳодияҳои ҷамъиятиро талаб мекунад.

Бо қабули Стратегияи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2013-2020 ва барномаҳои ислоҳоти милитсия барои солҳои 2014-2020 ва 2021-2025 ва татбиқи меъёрҳои онҳо фаъолияти милитсия дар самти ташкили ҳамкории он бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар сатҳи хубтар ба роҳ монда

шудааст. Аммо, бояд зикр намуд, ки масоили мазкур ҳам аз ҷиҳати корҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва фаъолияти амалӣ чораандешиҳои зарурииро тақозо дорад.

Муайян набудани низоми субъектони таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо, самтҳои асосии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шакли бебарасмиятдарории ҳамкории шаҳрвандон бо милитсия, фарқияти байни ниҳодҳои ҷамъиятии дар назди мақомоти корҳои дохилӣ фаъолияткунанда аз иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, меъёрҳои оммафаҳм ва мукаммал оид ба ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии шаҳрвандони ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидаткунанда, шакл, тартиб ва механизми ба роҳ мондани назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсия ва ғайра дар сатҳи қонунгузорӣ масоили ҳалталабе ба шумор мераванд, ки роҳандозии чораандешиҳо оид ба ҳалли онҳо зарауратро тақозо менамояд. Ҳамчунин, аз ҷиҳати назариявӣ таълифи таърифи мафҳумҳои дахлдори мавзуи баррасишаванда ва хусусиятҳои тавсифкунандаи онҳо, таснифи омилҳои (мушкилоти) ҷойдоштаи костакунандаи ҳамкории байни мақомоти корҳои дохилӣ бо ҷомеаи шаҳрванда ва пешниҳоди асосноки илмӣ ҷиҳати роҳандозӣ намудани ҳамкории милитсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷомеа дар асоси моделҳои дахлдори таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар оянда ба татбиқи самарабахши санадҳои меъёрии ҳуқуқии ислоҳоти милитсия дар самти ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат менамоянд, ки дар рисолаи мазкур таҳлил ва баррасӣ гардидаанд.

Бо дарназардошти набудани таҳқиқоти ҳамаҷониба дар ин мавзуъ дар илм ва соҳаи ҳифзиҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рисолаи диссертатсионии Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин саривақтӣ, аз ҷиҳати илмӣ муҳим ва амалан аҳаммияти калон дорад. Таҳқиқот барои пурра гардонидани холигии назариявӣ ва меъёрии мавҷуда нигаронида шуда, ба ниёзҳои кунунии рушди илм ва соҳаи ҳифзиҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ ҷавобгӯй мебошад.

**3. Дараҷаи навоварии илмии натиҷаҳои рисола ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки он аввалин таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ

вобаста ба масъалаи ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мебошад, ки раванди амалигардонии ислоҳоти милитсияро тибқи ду барномаи давлатӣ (2014-2020 ва 2021-2025) дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон дар бар гирифтааст. Саҳми муаллиф дар он зоҳир мегардад, ки дар таҳқиқот аҳаммияти илмии мавзуи таҳқиқшаванда бо дарназардошти танзими ҳуқуқӣ, ташкили фаъолияти амалӣ ва дурнамои татбиқи таҷрибаи соҳавии мақомоти дахлдори давлатҳои хориҷӣ дар фаъолияти милитсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳамкории он бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст.

Муаллиф натиҷаҳои нави илмии дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ ба даст овардааст. Аз ҷумла, рисола:

– таърифи муаллифии ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятиро пешниҳод намуда, хусусиятҳои тавсифкунандаи онро тавсиф менамояд;

– омилҳои (мушкилоти) ҷойдоштаи костакунандаи ҳамкории байни мақомоти корҳои дохилӣ бо ҷомеаи шаҳрвандиро дар шаклҳои объективӣ ва субъективӣ муайян намуда, онҳоро тасниф менамояд;

– таърифи муаллифии шакли ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятиро пешниҳод намуда, таснифи шакли ҳамкории мазкурро баҳри такмили қонунгузорӣ вобаста ба хусусияти ошкорогӣ ва махфият, барасмиятдарории шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ, самти фаъолият, ҳайат (аъзогӣ), таъйиноти функсионалӣ, мазмуни вазифаҳо ва тартиби иҷрои онҳо ва ҷузъиёти ҳифзиҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, манзур менамояд;

– таърифи муаллифии ҳисоботдиҳии мақомоти корҳои дохилӣ дар байни аҳолиро пешниҳод карда, чорабинии мазкурро ҳамчун яке аз маҳаки асосии баҳодиҳӣ ба фаъолияти хизматии нозири минтақавии милитсия арзёбӣ менамояд;

– истифодаи таҷрибаи пешрафтаи соҳавии давлатҳои хориҷиро дар амалияи фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ таъкид намуда, хусусиятҳои амалигардонии онро бо дарназардошти шароити мавҷуда ва дурнамои фаъолият асоснок пешниҳод менамояд.

Муқаррароти (нуктаҳои) мазкур, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, бо эътибори илмӣ, мувофиқати мантиқии дохилӣ тавсиф мешаванд ва бо таҳлили қонунгузории соҳавӣ, амалияи татбиқи ҳуқуқ ва манбаъҳои илмӣ асос ёфтаанд. Онҳо равишҳои қаблан маълумро такрор намекунанд, балки унсурҳои тафсири муаллиф ва фаҳмиши мустақили илмии масъалаи мавриди омӯзишро дар бар мегиранд.

Дар маҷмуъ, дараҷаи навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсияро метавон баланд арзёбӣ кард ва муқаррароти таҳияшуда дар иртибот ба раванди ислоҳоти милитсия ва тақвияти пояҳои бунёдии ҷомеаи шаҳрвандӣ барои ҳимоя саҳми назаррас дар рушди илм ва соҳаи ҳифзиҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

**4. Сатҳи омӯзиши мавзуи илмӣ.** Бояд зикр кард, ки сатҳи рушди илмӣ вобаста ба ташкили фаъолияти ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бар замми мавзуи мубрам буданаш, нокифоя эътироф карда мешавад. Мавҷудияти таҳқиқотҳои илмӣ ва нашрияҳои илмии алоҳида, ки ба масоили баррасишаванда алоқамандӣ доранд, нишон медиҳад, ки дар доираи онҳо бештар масъалаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо ҷомеа, ташкили ҳамкории субъектони дахлдори давлатӣ бо ҷомеа дар пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои алоҳида таҳлил шуда, аммо то имрӯз таҳқиқоти ҳамаҷонибае, ки ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, бахусус, ҳамкорӣ ва ташкили фаъолиятро дар ин соҳа тибқи ду барномаи давлатӣ (Барномаи ислоҳоти милитсия бо ҷомеа барои солҳои 2014-2020 ва 2021-2025) ҳамчун объекти алоҳида ва мустақили танзими фаъолияти ҳифзиҳуқуқӣ меомӯзанд, вуҷуд надорад.

Ғайр аз ин, асосҳои илмии мавҷуда, ки ба масъалаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо ҷомеа бахшида шудаанд, асосан ҷанбаҳои танзими ҳуқуқии ташкили корро дар соҳаи мазкур баррасӣ намуда, ба муайян намудани усул, шакл, тартиб ва механизми ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ нигаронида нашудаанд.

Дар доктринаи фаъолияти ҳифзиҳуқуқии кишварҳои хориҷӣ, ба масъалаи ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, бахусус, моделҳои пешрафтаи таҷрибавӣ аҳаммияти бештар дода шуда, мавриди таҳқиқоти илмии васеътар қарор дода мешавад. Аммо, равишҳои таҳияшуда ва татбиқшавандаи хориҷӣ ҳамеша наметавонанд, ки мустақиман ба низоми миллии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни мутобиқсозӣ, бо дарназардошти хусусиятҳои қонунгузории ҷорӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ татбиқ карда шаванд. Дар ин робита, рисолаи Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин бо пешниҳоди таҳлили ҳамаҷониба ва системавии танзими ҳуқуқӣ ва имконияти татбиқи таҷрибаи пешрафтаи хориҷӣ бо дарназардошти асосноккунии илмӣ дар фаъолияти амалии мақомоти дахлдори кишвар, ҷиҳати пурра гардонидани норасогии мавҷуда дар илм ва соҳаи ҳифзиҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд. Ин имкон медиҳад, ки рисола ҳамчун як таҳқиқоти муҳим ва аз ҷиҳати илмӣ аҳаммиятнок ҳисобида шавад ва нақши бевосита дар рушди фаъолияти ҳифзиҳуқуқӣ гузорад.

**5. Ҳаҷм ва сохтори рисола, ки бар асоси ҳадаф ва вазифаҳои зикршудаи таҳқиқот тартиб дода шудааст.** Сохтори рисола аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, се боб, панҷ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо), феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва замимаҳо (натиҷаи назарсанҷӣ, лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунӣ, лоиҳаҳо оид ба такмили қонунгузорӣ) иборат аст. Ҳаҷми умумии таҳқиқоти диссертатсионӣ 268 саҳифаро дар бар гирифтааст.

Муқаддимаи рисола аҳаммияти мавзуи интихобшударо асоснок ва дараҷаи рушди илмии онро муайян карда, объект, мавзуъ, предмет ва вазифаҳои таҳқиқотро таҳия мекунад. Инчунин, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро тавсиф намуда, навоварии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он, нуктаҳои пешниҳодшударо барои дифоъ манзур менамояд.

Боби якуми рисола, «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», ба таҳлил ва баррасии мавқеъҳои доктриналии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масоили мафҳум, моҳият ва мақсади иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳамкорӣ, бахусус, ҳамкории бо шарикӣ асосёфта, ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, асосҳои ҳуқуқии миллӣ ва хориҷии танзими муносибатҳо оид ба ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии байни онҳо бахшида шуда, ба муаллиф имконият додаанд, ки пешниҳодҳои хусусияти назариявӣ ва амалидоштаро, ки ҳамчун асоси методологӣ барои таҳқиқоти минбаъдаи ҷанбаҳои амалии истифодаи онҳо дар фаъолияти ҳифзиҳуқуқии кишвар хизмат мекарданд, асоснок намояд.

Боби дуюм, «Таҷрибаи амалии мақомоти корҳои дохилӣ оид ба ташкили ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», масоил оид ба нақши мақомоти корҳои дохилӣ дар самти ташкили фаъолияти ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, шакл ва усулҳои ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва таҷрибаи мақомоти корҳои дохилии мамлакатҳои хориҷӣ оид ба ташкили ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятиро таҳлил мекунад. Дар боби мазкур таваҷҷуҳи махсуси муаллиф ба таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ равона карда шудааст. Чунин тарзи муносибат дар таҳқиқоти илмӣ ба муаллиф имкон додааст, ки

тамоюлҳои умумӣ ва хусусиятҳои истифодаи баъзе аз таҷриба ва моделҳои пешрафтаи ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятиро дар фаъолияти амалии мақомоти дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ муайян карда, имконияти татбиқи таҷриба ва моделҳои пешрафтаи дигари хориҷиро дар шароити кунунӣ ва дурнамои фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок пешниҳод кунад.

Боби сеюм, «Самтҳои мукаммалсозии ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», натиҷаҳои таҳлилро аз рӯи баррасии боби якум ва дуюми рисола ҷамъбаст намуда, дар асоси онҳо пешниҳодҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшударо барои такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (аз қабили, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» ва «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ»), таҳия мекунад.

Хулосаи тадқиқоти диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии кор ва хулосаҳоро барои ҳар як бахш дар бар мегирад, натиҷаҳои бадастовардаро ҷамъбаст ва онҳоро бо ҳадаф ва вазифаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсия алоқаманд мекунад. Муаллиф тавсияҳоеро таҳия кардааст, ки ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва номувофиқатии муайяншуда дар самти ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва таъмини кафолати ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии шаҳрвандони ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидаткунанда, нақши амиқ доранд.

Дар рисола замимаҳо оид ба назарсанҷии шаҳрвандон, кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, хулосаҳои назарсанҷӣ, лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, зерқонунӣ ва лоиҳаи тағйирот ва иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ мегарданд, ки нақши эҳтимолии татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро бараъло зиёд мегардонанд.

**6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии рисола.** Аҳаммияти илмии рисоларо хулосаҳо ва муқаррароти таҳиякардаи муаллиф ташкил менамоянд, ки фаҳмиши илмиро дар бораи мубрамии ташкили фаъолият оид ба

ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, шакл, усул ва механизми баамалбарории ҳамкории байни ниҳодҳои зикршудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазъи кунунӣ ва дурнамои тақвиятбахшӣ ба он, таҷрибаи истифода ва татбиқи моделҳои пешрафтаи ҳамкорӣ дар фаъолияти амалии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, васеъ мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқот камбудиҳои мавҷударо дар доктринаи фаъолияти ҳифзиҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра гардонида, заминаи назариявиро барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар ин соҳа фароҳам меоранд.

Аҳаммияти амалии рисола дар истифодаи эҳтимолии нукта, хулоса ва тавсияҳои он аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар субъектони таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти давлатӣ дар раванди ҳамкорӣ бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат ба ҷинояткорӣ, инчунин, дар такмили қонунгузории соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими муносибатҳо оид ба ҳамкории байни мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, арзёбӣ мешавад. Пешниҳодҳои муаллифро метавон дар таҳияи тавсияҳои методологӣ барои кормандони амалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати корбарии соҳавӣ баррасӣ ва истифода намуд.

Аҳаммияти иқтисодии рисола дар он зоҳир мегардад, ки ҷалби бештари ҷомеа, алалхусус, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва аъзоёни онҳо дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат ба ҷинояткорӣ, эҳтимолан зарурат оид ба зиёд намудани воҳидҳои кории ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилиро бо мақсади иҷрои вазифаҳои ҳифзиҳуқуқӣ истисно намуда, ба сарфаю сариштакории маблағҳои буҷети давлатӣ бо дарназардошти пардохти онҳо дар самти маошҳои вазифавӣ мусоидат менамояд, чунки ба намояндагони ҷомеа барои мусоидат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маоши вазифавӣ муқаррар намегардад.

Аҳаммияти иҷтимоии рисола бо таваҷҷуҳи он ба тақвияти таъмини иштироки васеи шаҳрвандон дар самти фаъолияти ҳифзиҳуқуқии давлат, баланд бардоштани сифати иҷрои талаботи қонунгузорӣ, баланд бардоштани

боварии шаҳрвандон ба мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ, муайян карда мешавад. Илова бар ин, маводи рисоларо метавон ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи донишҳои назариявӣ ва амалии кормандони МКД дар раванди таълими фанҳои «Ҳамкории милитсия бо ҷомеа», «Ҳуқуқи конститутсионӣ», «Фаъолияти маъмурии МКД», «Низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ», таҷрибаомӯзӣ ва такмили ихтисоси онҳо истифода бурд, ки ин тасдиқи аҳаммияти амалӣ ва иҷтимоии таҳқиқоти диссертатсиониро боз ҳам равшантар менамояд.

**7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқот оид ба мавзуи рисола.** Аз ҷониби Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин доир ба мазмун ва моҳияти таҳқиқоти рисола 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷҷалаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар нашрияҳои дигари илмӣ ба табъ расонида шудааст.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории рисола ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Барасмиятдарории рисолаи Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ мувофиқат мекунад. Сохтори рисола ба талаботи муқарраршудаи танзимкунанда мувофиқат мекунад ва пешниҳоди мавод аз ҷиҳати мантиқӣ мувофиқ ва аз ҷиҳати илмӣ дуруст аст. Кор ба талабот оид ба ҳаҷм, сохтор ва услуби пешниҳод мувофиқат мекунад, истинодҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва манбаъҳои илмӣ дуруст тартиб дода шудаанд ва рӯйхати пурраи истинодҳо ва нашрияҳои илмии муаллиф пешниҳод карда мешаванд.

Рисола ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва манбаъҳои илмӣ дуруст истинод мекунад, рӯйхати пурраи сарчашмаҳоро пешниҳод мекунад ва ба талабот оид ба ҳаҷм, сохтор ва услуб мувофиқат мекунад. Умуман, шакли кор ба стандартҳои муқарраршуда мувофиқат мекунад ва имкон медиҳад, ки рисола мувофиқи талаботи кунунии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, омодашуда ҳисобида шавад.

Рисолаи мазкур ва шакли барасмиятдарории он ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ ва Тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои дифоъшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Автореферати рисола ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Бо вуҷуди аҳаммияти баланди илмӣ ва амалии рисолаи Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин, кор аз баъзе камбудиҳо холӣ нест. Аммо, инҳо сатҳ ва сифати умумии илмии онро коҳиш намедиҳанд, балки баръакс, имкониятҳоро барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ ва таҳияи масъалаҳои бардошташуда фароҳам меоранд.

**1.** Дар зербоби дуюми боби якуми рисолаи диссертатсионӣ асосҳои ҳуқуқии ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шуда, бо мақсади муайян кардани дурустии мазмуни истифодаи ибораи «қонунгузории ҶТ дар соҳаи дахлдор» (мисол, қонунгузории ҶТ дар бораи милитсия, қонунгузории ҶТ дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғайра) дар қонунгузории амалкунанда ва пешниҳоди асоснокии тағйири он ба «асосҳои ҳуқуқии фаъолият дар соҳаи дахлдор» (мисол, асосҳои ҳуқуқии фаъолияти милитсия, асосҳои ҳуқуқии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғайра) дар ҳаҷми 8 саҳифа (аз саҳ. 53 то саҳ. 60) ақидаҳои хусусияти назариявидошта ва муқаррароти қонунгузории амалкунанда бо таҳлил ва муқоиса рӯи коғаз оварда шудааст, ки агар аз як ҷониб маълумоти овардашуда ба номи зербоби таҳқиқшаванда мувофиқ аст ва онро пурра мегардонад, аммо аз лиҳози дигар шубҳаро оид ба берун шудан аз таҳқиқи илмии мавзуи тахассуси дахлдор зиёд мегардонад.

**2.** Дар диссертатсия (саҳ. 86-87) пешбинӣ мегардад, ки бо мақсади таҳияи «Роҳнамо оид ба ҳамкории милитсия бо ҷомеа», муаллифи рисолаи

диссертатсионӣ ҳамчун аъзои гурӯҳи корӣ оид ба гузаронидани пурсишҳои сотсиологии аҳолӣ, пурсиши кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар минтақаҳо ва мониторинги афкори ҷамъиятӣ бо мақсади муайян намудани сабабҳо ва омилҳои асосии таъсиррасони манфӣ ба ҳамкории милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандӣ иштирок намудааст. Ҳамчунин, зикр мегардад, ки бо мақсади арзёбии тадқиқот ва гузаронидани пурсиши сотсиологӣ дар мавзуи «Ҳамкории милитсия бо ҷомеа» аз ҷониби гурӯҳи корӣ 10 (даҳ) савол оид ба самтҳои гуногуни фаъолият ва ҳамкории милитсия бо ҷомеа интихоб карда шуданд, ки фарогирандаи масъалаҳо ва мавзуи танзими муқаррароти Барномаиислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2014-2020 – ро ташкил медоданд. Аммо, аз мутолиаи саҳифаҳои баъдии рисола муайян гардид, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ танҳо се саволи пешниҳодшуда баррасӣ гардида, боқимонда ҳафтои дигар номбар ва таҳлилу баррасӣ нагардидаанд. Дар алоқамандӣ ба ин, ба андешаи мо дар ҳолати таҳлил ва баррасии саволҳои боқимонда, диссертант метавонист, ки эҳтимолан дар қатори омилҳои костакунандаи ҳамкории байни мақомоти корҳои дохилӣ бо ҷомеаи шаҳрвандиро, ки тасниф намудааст, инчунин дигар омилҳои ҷойдоштаро низ муайян ва пешниҳод намояд.

**3.** Дар доираи таҳқиқоти зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия (саҳ. 154) номгӯйи 8 моделҳои ташкили фаъолияти политсияи давлатҳои хориҷӣ, ки дар асоси муколамаи созанда бо ҷомеаи шаҳрвандӣ сохта шудаанд оварда шуда, дар идома унсурҳои таърифкунандаи ҳар як кадоме аз онҳо таҳлилу тасниф гардида, аммо хусусиятҳои мутобиқгардонӣ ва татбиқи на ҳамаи онҳо дар фаъолияти амалии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳамкорӣ бо ҷомеа бо дарназардошти ба инобат гирифтани анъанаҳои миллии корӣ тавсиф гардидааст. Яъне, мақсади асосии таҳлили таҷрибаи хориҷӣ дар таҳқиқоти илмӣ ин ба инобат гирифтан ва кашфи хусусиятҳои мутобиқгардонии имконияти истифодаи чунин таҷриба дар фаъолияти амалии субъектони дахлдори давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Ин шарҳҳо танҳо барои мақсадҳои муҳокима мебошанд ва ба аҳаммияти илмии ин рисола халал намерасонанд ва метавонанд аз ҷониби муаллиф дар таҳқиқот ва амалияи оянда ба назар гирифта шаванд.

Умуман, рисолаи Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод шудааст, дорои сатҳи баланди илмӣ ва методологӣ мебошад. Он ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо «Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Муаллиф сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва ҳамкориҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Диноршоҳ А.М.

Суроға: Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе 734025 (ш. Душанбе, кучаи Бохтар, 35/1. Телефон: (+992) 935890207, E-mail: a.dinorshoh@msu.tj

Имзои "Диноршоҳ А.М."-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои махсус Пирназар С.М.

«17» 02 2026 с.

ОТДЕЛ КАДРОВОЙ ПОЛИТИКИ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ